# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна таҳти унвони «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Имрӯз таҳсилоти ибтидоӣ дар фазои таҳсилоти муосир ба раванди омӯзиш ва истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим, василаҳои рушди фаъолияти маърифатӣ ва тафаккури хонандагон аҳаммияти махсус зоҳир менамояд. Хусусан, солҳои охир олимону муҳаққиқон, омӯзгорону равоншиносон дар ин самт хеле фаъолияти пурсамар доранд.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна масъалаҳои раванди маърифатӣ, шароитҳои педагогӣ ва истифодаи технологияҳои муосири рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар раванди таълим дар бар гирифта, кори баанҷомрасида мебошад. Тадқиқоти мукаммали илмии муҳаққиқ ба принсипу роҳҳои ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим нигаронида шудааст.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки мубрамият ва мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқ аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ, методӣ ва дидактикӣ асоснок карда шудааст. Дар автореферат коркард ва санҷиши озмоишӣ, шаклҳо ва мундариҷаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муаррифӣ гардида, аз нигоҳи зарурати илмию амалии худ як пажуҳиши саривақтӣ ва арзиши бесобиқаро дар бар мегирад.

Таҳлили мундариҷаи автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки ин соҳаи мубрам ва ҳалталаб дар тадқиқоти ӯ то як андоза ҳалли худро ёфтааст. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои иҷрои кор, адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, барнома ва китобҳои дарсии амалкунандаро таҳлил намудааст.

Муаллифи диссертатсия дар хусуси зарурати омӯзиши мавзуъ ибрози назар намуда, аз ҷумла, таъкид месозад, ки агар тафаккур дар синфҳои ибтидоӣ дуруст ташаккул наёбад, дар синфҳои болоӣ рушд додани онҳо хеле мушкил мегардад; баъдан дар тамоми раванди зиндагӣ он тағйир намеёбад, дар ин замина истифодаи технологияи рушди тафаккури интиқодӣ имкон медиҳад, ки фаъолият дар раванди дарс ҷолибтар ва муфидтар гардад. Аз ин ҷо, ки истифодаи технологияи ба талаботи муосир ҷавобгӯй ва рушддиҳандаи сатҳи тафаккури интиқодӣ, метавонад салоҳияти иртиботӣ, ҷустуҷӯӣ ва таҳлили иттилоотро ҳаматарафа инкишоф диҳад.

Баъди мавриди таҳлил қарор додани 2 бобу 6 зербоб, хулосаи зерфаслҳо ва тавсияву пешниҳодҳои илмии диссертатсия ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки диссертант тамоми паҳлуҳои масъалаи баррасишавандаи мақсаду фарзияҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Исботи ин гуфтаҳо фарогирии 18 ҷадвал, 13 расм, 5 диаграмма ва 4 амсилаҳо таҳияшуда мебошанд.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия таҳқиқотчӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ, вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмету фарзияи пажуҳиш, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, технологияҳои навгонии илмӣ-методӣ, амалияи таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро мақаррар карда, маълумотҳои мухтасар додааст.

Боби якуми рисола масъалаи *«Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон»* дар бар гирифта, боби дуюми он *«Технологияи педагогии ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои татбиқи он дар раванди таълим»* ном дошта, дар фаслҳои мухталифи онҳо диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки мероси илмӣ-методӣ ва психологӣ-педагогии ниёгон, олимон - методистонро оид ба рушди тафаккури интиқодӣ ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор диҳад ва маводҳои дидактикии марбут ба мавзуи таҳқиқотро ба роҳ монад.

Ба андешаи таҳқиқотчӣ истифодаи бомақсади принсипу метод, роҳу технологияҳои самарабахши азхудкунии маводи таълимии тарҳи тафаккури интиқодидошта ба шаклгирии тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ мусоидат менамояд.

Дар рафти таҳқиқот Ҷӯраева М.У. натиҷаҳои зеринро ба даст овардааст:

– шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодӣ ва таъсири он ба инкишофи шахсияти хонандагон коркард шудааст;

– дар асоси озмоишу таҳқиқотҳои гузаронидашуда, маводҳои омодашуда амсилаи технологияи шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, бахусусан, дар омӯзиши фанни забони модарӣ, тартиб дода шудааст;

– усулҳои таълим доир ба мавзуи таҳқиқот коркард шудааст.

Умуман, муаллиф дар хулосаи умумии диссертатсия андешаҳои худро доир ба дараҷаи ҳалли мавзуъ дар бандҳои алоҳида ҷамъбаст намудааст, ки мазмуни асосии таҳқиқотро дар бар мегирад.

Аз таҳқиқотҳои гузаронидаи Ҷӯраева М. У. бармеояд, ки ӯ солҳои тӯлонӣ дар атрофи масъалаи мазкур машғули пажуҳиш буда, дар заминаи он муаллиф 25 мақола, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Дар маҷмуъ, автореферати пешниҳодшуда барои чунин хулосабарорӣ имкон медиҳад, ки рисолаи илмии Ҷӯраева М. У. таҳқиқоти мустақилонаи тахассусии илмии дорои навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ буда, ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошад. Услуби тадқиқот комилан дар доираи илмӣ қарор дошта, бо озмоишҳои таҳлилии асоснок, намунаҳо ва мисолҳои возеҳ тақвият дода шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсияи бармеояд, ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ба тавсиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи *«Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим»* таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шуда, бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши илмиву амалии худ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот(илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математика ва информатикаи МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" **Азимова Назира Самадовна**

06.10. с. 2025.

Суроға: 735000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 4-5,
кӯчаи Ваҳдати миллӣ, ҳавлии 30.
Телефон: (+992) 92-707-71-07.
E-mail: nazira-tgu@mail.ru

*"Имзои Азимова Н. С.- ро тасдиқ менамоям"*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" Раҳимов Н. И.

Суроға: 735716, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1.
Тел: +992 37 234 88 02;
E-mail: bitesk_ips@mail.ru